Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар ироаи Паёми хамасолаи худ ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон таъкид менамоянд, ки вокеоту тахаввулоти чомеаи мухталифи чахонӣ хар яки моро хушдор месозад, ки  зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эхсоси баланди ватандӯстӣ, худогохӣ ва мукаддас доштану хифз намудани хама арзишхои истиклолияти давлати куханбунёдамонро аз даст надихем. Ва ин албатта амали вокеист. Чунки вазъи зудтагйирёбандаи чахони муосир, зиёд гардидани равияву ташкилотхои тундрави террористиву экстремистӣ ва дигар зухуроти тахдидовари хатарнок метавонад сулху субот ва хаёти орому осудаи мардумони кишвари моро халалдор намояд.  Аз ин рӯ, Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар халли масъалахои мустахкам намудани иктидори мудофиавии кишвар диккати махсус зохир намуда, онро аз рӯзхои аввали таъсисёбии Кувваxои Мусаллах тахти назорати доимии худ карор додаанд. Чунки дар хар давру замон хеч як давлату халкият бе  Кувваxои Мусаллахи худ вучуд дошта наметавонад. Зеро ин кувва амнияти кишвар буда, оромию осоиштагии мардум ва сулху суботи таъминкунандаи хар як давлат аст.

23-юми феврали соли 2018 аз таъсисёбии Кувваxои Мусаллахи Чумхурии Точикистон 24 сол пур мешавад.

Баъди пош хӯрдани Иттиходи Шӯравӣ сарфи назар аз он, ки  кишварро вазъи печидаи харбӣ-сиёсӣ ё худ мунокишахои дохилӣ фарогир буд, Точикистони тозаистиклол ба таъсиси Кувваxои Мусаллахи худ шурӯъ намуд. Вале барои бунёди он ягон заминаи моддиву техникӣ вучуд надошт. Яъне  ташкили Артиши миллии мо дар чои холӣ, аз сифр шурӯъ гардид.

18-уми декабри соли 1992 аз чониби Раиси Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон Карор «Дар бораи таъсиси Кувваxои Мусаллахи Чумхурии Точикистон» ба имзо расида, он дар заминаи «Фронти халкӣ» ва кувваxое, ки хукумати конститутсиониро чонибдорӣ мекарданд, таъсис дода шуд.  Хамин тарик, 23-юми феврали соли 1994 дар солгарди нахустини Артиши миллӣ, паради харбӣ баргузор гардид, ки он рӯз расман

санаи таъсисёбии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон эълон карда шуд.

Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон аз рӯзхои таъсисёбӣ се мархиларо паси сар намудааст. Аз чумла, даврахои сохтмону ибтидоии Артиш, бунёди навъхои Куввахои Мусаллах ва тахкиму таквият бахшидани сатхи омодагии чангии он.

Айни хол, дар хайати Артиши миллӣ се навъи Куввахои Мусаллах фаъолият дорад: Кӯшунхои хушкигард, Кӯшунхои зудамал, Куввахои харбӣ-хавоӣ ва мудофиаи зиддихавоӣ. Илова бар ин, ислохоти харбӣ дар Куввахои Мусаллах ханӯз хам идома дорад.

Хукумати Чумхурии Точикистон бахри мустахкам намудани кобилияти мудофиавии кишвар, баланд бардоштани сатхи омодагии харбӣ, бехтар гардонидани шароити моддию техникӣ ва вазъи ичтимоии хизматчиёни харбӣ гамхории пайваста зохир менамояд.

Ба хамин тартиб, хамасола тибки накшаи ягонаи тайёрии чангӣ дар Куввахои Мусаллах дар дохили кишвар мачмӯи машкхои муштараки зидди террористӣ, тамринхои васеи амалиётӣ-тактикӣ, машгулиятхои омодагии сафарбарӣ, чамъомади мудофиаи худудӣ бо чалби раисони вилоятхо, шахру нохияхои мамлакат, шахрвандони чумхурӣ ва дигар сохторхои кудратӣ дар хама гарнизонхо ташкил ва гузаронида мешаванд. Танхо дар давоми соли 2016 дар тамоми гарнизонхои чумхурӣ беш аз сад хазор нафар шахрвандони дар эхтиёт карордошта ба чамъомаду машгулиятхои гуногуни таълимӣ фаро гирифта шуданд. Илова бар ин, зиёда аз хазор адад техникахои зирехпӯши чангиву артиллерӣ, автомашинахои махсуси зирехдор, авиатсияи харбӣ, автомашинахои боркашу наклиётӣ дар машкхои муштараки дохили кишвар истифода шуданд.

Батадрич бахри хамохангсозии фаъолияти муштарак бо сохторхои кишвархои минтака ва чахон дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, пешгирӣ ва пахншавии экстремизм ва сайкал додани махорату малакаи чангии хайати шахсӣ чӣ дар худуди Точикистон ва чӣ берун аз он дар доираи созмонхои бонуфузи чомеаи чахонӣ хар сол тибки накша пайваста машкхои васеи муштараки харбӣ низ гузаронида мешавад.

Умуман дар давоми 24 соли фаъолият ва бурду бохт дар Куввахои Мусаллах, аз хисоби

афсарону сарбозон хазорхо нафар мутахассисони сохахои мухталифи силоху аслиха, аз кабили нишонгир снайперхо, парашутистон, миначӯйён, тирандозон, нишонгиру ронандагони техникахои вазнини зирехпӯши чангӣ, хавонавардони харбӣ ва дигар ихтисосхое, ки барои Артиши миллии Точикистон заруранд, омода гашта, дар комиссариатхои харбӣ ба хайси нерӯхои эхтиётӣ ба кайд гирифта шудаанд.

Имрӯз сафи Артиши миллӣ, асосан аз хисоби хатмкунандагони Донишкадаи харбии Вазорати мудофиа ва Академияву омӯзишгоххои олии харбии давлатхои хоричи дуру наздик, бо афсарони касбӣ пурра гардонида мешавад. То ин дам, аз хисоби хатмкунандагони Донишкадаи харбӣ, ки хамасола наздики 200 нафар афсарони касбӣ онро хатм менамоянд, худуди се хазор нафар ба хайати чузъу томхои Вазорати мудофиа ва дигар сохтору макомоти кудратии кишвар шомил гардидаанд.

Илова бар ин, хамасола афсарон ва курсантони точик ба муассисахои тахсилоти харбии Федератсияи Россия, Чумхурихои Казокистон, Озарбойчон, Хиндустон, Чумхурии Мардумии Чин, Британияи Кабир, Канада, Чумхурии Федеролии Олмон, Фаронса ва Амрико бахри тахсил, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаи касбӣ фиристода мешаванд.

Тадбирхои саривактӣ вобаста ба тайёр намудани мутахассисон дар ин мактабхои олӣ имкон дод, ки сафи навъхои Куввахои Мусаллах, чузъу томхои Вазорати мудофиа ва дигар сохторхои кудратӣ бо афсарони касбӣ пурра гардонида шаванд.

Айни хол, дар муассисахои олии таълимии харбии кишвархои хорич наздики 800 нафар тахсили илми низомӣ менамоянд, ки хайати онро курсантону шунавандагон ташкил медиханд.

Хамкорихои харбӣ ва харбӣ-техникии Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон бо кишвархои хорич ва созмонхои байналмилалӣ асосан дар самтхои мубодилаи иттилооту тачрибаомӯзӣ дар мубориза бар зидди терроризму дигар зухуроти номатлуб, ташкили пайвастаи машку унсурхои мухталифи низомӣ, омодасозии афсарони касбӣ ва расонидани кӯмакхои техникӣ ба Артиши чавони кишвар ба рох монда шудааст. Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон хамкорихои самарабахшро бо созмонхои байналмилалӣ, аз чумлаи Созмони Ахдномаи Амнияти Дастачамъӣ, Созмони Хамкорихои Шанхай, Амният ва Хамкорӣ дар Аврупо, Ахдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО), “Барномаи рушди Созмони Миллали Муттахид оид ба «Дастгирии кӯшишхои Чумхурии Точикистон дар

татбики проблемахои минахо» ва дигар ташкилотхои бонуфузи чомеаи чахонӣ густариш додааст.

Айни замон, Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон бо зиёда аз 50 кишвари олам хамкорихои харбӣ ва харбӣ-техникиро ба рох мондааст.

20-уми феврали соли 2015 бо фармони Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон Консепсияи корхои сиёсӣ - тарбиявӣ дар Куввахои Мусаллахи мамлакат ба имзо расонида шуд, ки он тартиб, мохият ва мавкеи системаи корхои сиёсӣ - тарбиявиро вобаста ба амалӣ намудани сиёсати давлат дар сохаи харбӣ, таъмин намудани холати ахлокию рӯхии хайати шахсӣ, конунияту тартиботи хукукӣ, волоияти конун, мустахкам намудани интизоми харбӣ, баланд бардоштани макоми Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро дар чомеа таъмин менамояд.

Чунки сатхи баланди омодагии чангии хайати шахсии Куввахои Мусаллах дар хар давру замон аз таълиму тарбияи хуби афсарону сарбозон, сайкал додани дониши сиёсиву низомӣ ва ба эхсоси баланди ватандӯстиву садокатмандии хизматчиёни харбӣ вобастагии зиёд дорад.  Ин аст, ки хизматчиёни харбии кисму вохидхои харбӣ иштирокчиёни фаъоли хама гуна чорабинихои сатхи чумхуриявианд.

Бо максади пешгирӣ намудани конуншиканӣ, аз байн бурдани сатхи содиршавии чиноятқорӣ ва дигар рафторхои гайриоинномавӣ дар миёни хайати шахсии чузъу томхо корхои таргиботию ташвикотиро вобаста ба накшаи пешбинишудаи фаъолият дар кисмхои харбӣ бо хизматчиёни харбии сатху зинахои гуногуни Артиши миллӣ, асосан чихати пурзӯр намудани интизоми харбӣ, риояи конуният ва талаботи бечунучарои оинномахои умумихарбии Куввахои Мусаллах муташаккилона ба рох мемонанд.

Дар ин замина, як катор дастурамалхои методӣ, рӯзномаву мачаллахо, китобу дигар мачмӯахои илмӣ-методӣ ба табъ расонида шуда, барномахои рангини телевизионӣ, филмхои таргибкунандаи ватандӯстӣ ва амсоли ин тахия ва манзури хизматчиёни харбӣ гардонида мешаванд.

Хамзамон дар кисмхои харбии Куввахои Мусаллах пайваста чорабинихои сиёсиву

фархангӣ ва хизмативу маишӣ доир карда мешаванд. Ва барои амалӣ намудани чунин корхо дар тамоми чузъу томхои Вазорати мудофиаи мамлакат китобхона ва дигар толорхои фархангиву фарогатӣ мухайё аст.

Илова бар ин, барои боз хам мустахкам намудани робитаи хизматчиёни харбӣ бо ахли чомеа дар кисму вохидхои низомӣ сухбату вохӯрии сарбозон бо волидону толибилмони мактабхои миёна, чавонони то синни даъватӣ, масъулини вазорату кумитахо, идорахои давлатӣ, ахли зиёи кишвар ва дигар афроди некбини чомеа доир гардида, хамчунин пайваста махфилу озмунхои фархангӣ ва мусобикахои варзишӣ ташкилу ба рох монда мешаванд.

Пӯшида нест, ки солхои аввали истиклолият чузъу томхои навтаъсиси Куввахои Мусаллах дар пойгоххои муассисахои гуногуни давлатӣ таъсис ёфта буданд.

Батадрич кисмхои харбӣ вобаста ба хадафу вазифахои таъсису ухдадорӣ, аз худуди пойтахт ва аз дигар мавзехои наздики минтакахои ахолинишин бароварда шуда, дар мавкехои стратегии мамлакат чойгир карда шуданд.

Илова бар ин, дар давоми 24-соли рушду нумӯи Артиши миллӣ махз бо дастгирии Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон дар гарнизонхои Хатлону Сугд, Хоруг, Душанбе ва нохияхои тобеи марказ бинохои маъмурию ситоди кисмхои харбӣ, комиссариатхои харбӣ, хобгоххои аскарону афсарон, синфхонахои таълимӣ, иншооти ёрирасони комуналӣ, истгоххои доимӣ барои нигохдории техникаи харбӣ ва дигар иншооти зарурии харбӣ дар муддати кӯтох, бо сифати баланд, харочоти камтарин, бо меъёри харбӣ ва талаботи хозиразамони харбӣ мавриди истифода карор дода шуданд.

Масъалаи таъмини хизматчиёни харбӣ бо манзили истикоматӣ хамеша мавриди таваччӯхи Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон карор дошта, тайи ин солхо бахри ичрои ин максад аз чониби давлату хукумати чумхурӣ корхои зиёде амалӣ карда шудааст.
Дар давоми панч соли охир дар худуди хамаи вилоятхо ва пойтахти кишвар танхо аз Вазорати мудофиа назди 400 нафар хизматчиёни харбӣ ва оилахои онхо бо манзили зист таъмин гардиданд ва бунёди хонахои истикоматӣ ё худ шахраки низомиён барои афсарону оилахои онхо хамоно идома доранд.

Бо максади чисман обутоб ёфтани афсарону сарбозон, баланд бардоштани махорату малакаи чангии хизматчиёни харбӣ аз соли  2002 дар тобеияти Вазорати мудофиа Клуби маркагзии варзишии артиш таъсис дода шуд. Клуби мазкур яке аз шохахои боэътимоди варзиши чумхурӣ ба хисоб рафта, варзишгарони он ба хайси дастахои мунтахаби кишвар шомил буда, аз рӯи намудхои гуногуни варзиш дар садхо мусобикахои чумхуриявию байналмилалӣ ширкат ва зинахои намоёни ифтихориро ишгол намудаанд. Варзишгарони Клуби маркагзии варзишии артиш бахри ривочу равнаки варзиши харбӣ сахми арзандаи худро гузоштаанд. Варзишгарони Клуби мазкур хамасола дар мусобикахои байналмилаливу чумхуриявӣ ширкат намуда, бо иштироки фаъолонаи худ бо медалхои тиллову нукра, медали биринчӣ, ифтихорномахои зиёд ва дигар тухфахои арзанда сарфароз гардонида шудаанд.

Илова бар ин, дар кисмхои харбии Вазорати мудофиа толору майдончахои хуби варзишӣ ва барои обу тоби бадан дигар шароитхои заруриxмухаё гардонида шудааст, ки чунин шароитхо имкон медихад тамоми машгулиятхои чисмони сари вакт ва дар сатхи лозима ташкилу ба рох монда шавад. Ин аст, ки айни хол дар тобеияти тамоми чузъу томхои Вазорати мудофиа дастахои варзишгар амал карда, дар тамоми мусобикахо ширкати фаъолона менамоянд.

Бо максади дар сатхи баланд тачлил намудани 25-умин солгарди таъсисёбии Куввахои Мусаллахи мамлакат хайати рохбариву фармондехии Вазорати мудофиаи кишвар як катор чорабинихои сиёсиву фархангӣ ва варзиширо ба накша гирифта, онро тадричан амалӣ намуда истодаанд.

Дар соли 2017 аз сарбози каторӣ то хизматчиёни харбии олирутбаи Вазорати мудофиа шиори “20-солагии Вахдати миллиро бо нерӯи тоза ва омодабошии баланди чангӣ пешвоз мегирам” кабул намуда, бахри таъмини амнияти марзу буми ачдодӣ ва пойдории сулху суботи чомеа доимо тайёранд.

Умуман талаботи конунхои амалкунанда, амру супоришхо ва икдому ташаббусхое, ки бо фармони Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар назди хайати рохбариву фармондехӣ ва кулли хизматчиёни харбӣ гузошта мешаванд, аз тарафи хизматчиёни харбии сатху зинахои гуногуни Артиши миллӣ сари вакт ва бо сарбаландӣ ичро мегарданд.

**МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ЧУМХУРИИ  ТОЧИКИСТОН**